99694 - Бар амволе, ки ба нафъи як ниҳоди умумӣ ё манфиати ҷамъиятӣ вақф шудааст, закот воҷиб намегардад

савол

Марде амволи худро ба манфиати мискинон ва камбағалон вақф намудааст. Оё дар чунин амвол закот воҷиб мегардад?

Ҷавоби муфассал

Амволе, ки ба манфиати як ниҳоди умумӣ, аз қабили камбағалон, масҷидҳо, муҷоҳидон ё ятимон вақф шудааст, закот надорад, зеро он соҳиби муайяне надорад.

Нававӣ (Аллоҳ ӯро раҳм кунад) дар китоби "Ал-Маҷмуъ" (5/313) гуфтааст:
"Агар чорво ба сифати вақф барои манфиати умумӣ — монанди камбағалон, масҷидҳо, муҷоҳидон, ятимон ва дигар гурӯҳҳои ҳамсон — таъйин шуда бошад, пас дар он, бидуни ҳеҷ гуна ихтилоф, закот воҷиб намегардад, зеро он соҳиби муайяне надорад".

Ибни Муфлиҳ дар китоби "Ал-Фуруъ" (2/337) гуфтааст:
"Дар моле, ки ба сурати вақф ба нафъи афроди ғайримуайян ихтисос дода шудааст, инчунин дар вақфе, ки барои масҷидҳо ва мадрасаҳо таъйин гардидааст, закот воҷиб намешавад".

Ал-Буҳутӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар китоби "Кашшофу-л-қиноъ" (2/171) гуфтааст:
"Дар чорвои чарогоҳӣ ва ҳамчунин дар дигар амволе, ки ба сифати вақф барои афроди ғайримуайян — монанди мискинон — ё барои масҷид ва монанди он, аз ҷумла мадраса, таъйин гардидааст, закот воҷиб намегардад, зеро онҳо молики ин амвол маҳсуб намешаванд". Поёни сухан бо каме таҳрир.

Аз Кумитаи доимии фатводиҳӣ пурсиданд:
Оё бар амволи вақфшуда барои масҷидҳо закот воҷиб мегардад?
Чунин посух додаанд:

"Дар амволи вақфшуда ба нафъи масҷидҳо ва дигар мавориди ҳамсон бо иттифоқи донишмандон, закот воҷиб нест, зеро моликият нисбат ба чунин амвол вуҷуд надорад". Поёни сухан.

"Фатово-л-дачнати-д-доимати ли-л-ифто" (9/412).

Ва Аллоҳ донотар аст.